11103 - Истифода бурдани амонат беиҷозати соҳибаш ҳаром мебошад.

савол

Шахсе мошинашро дар назди ман ҳамчун амонат гузошта сафар кардааст. Ман маҷбур шудам, ки онро беиҷозати ӯ истифода барам. Оё истифодабарии он то он даме, ки аз сафар баргардад, бароям иҷозат аст ва ё онро ба ҷояш баргардонам? Инҷо бояд қайд кард, ки ман барои истифодабарии он хело эҳтиёҷ дорам.

Ҷавоби муфассал

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

Беиҷозат истифода бурдани он ҳаром мебошад. Зеро донишмандон гуфтаанд: Беиҷозати соҳиби амонат тасарруф намудани он ҳаром аст. Ин кор акси боварие, ки амонатгузор нисбати ту кардааст. Аз ин рӯ, беиҷозати ӯ истифода бурдани он, бароят ҷоиз нест. Ба ту зарур аст, ки онро ба ҷояш баргардонида, онро муҳофизат кунӣ. Он коре, ки анҷом додӣ, яъне истифода бурдӣ нодуруст буда, барои иҷрои он гунаҳгор шудай. Танҳо дар ҳолате, ки агар соҳиби он аз ту гузашт карда, бароят истифода бурдани онро иҷозат диҳад, дар ин ҳолат ҳеҷ монеияте нест.

Аллоҳ донотар аст.